**Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия» қарори Раёсати КОА ҶТ (аз 28 июни соли 2017 №3/1).**

Миқдори хатогиҳои грамматикию техникии имконпазир дар 1(як) саҳифаи диссертатсия то 2(ду) адад ва дар автореферат – 2(ду) адад мебошад. Миқдори бобҳои диссертатсия аз рӯйи мантиқи он муайян карда мешавад. Маъмулан, дар диссертатсияи номзади илм 2-4 ва дар диссертатсияи докторӣ 3-5 боб* ба назар мерасад. Бобҳои охир дар ҳама навъҳои диссертатсия бояд шомили фасли баррасии натиҷаҳо (Боби «Баррасии натиҷаҳо» **) бошад. Дар бобҳои асосӣ (1; 2; 3; 4) ҳаҷми ҳар як боб набояд аз 30% ҳаҷми умумии диссертатсия зиёд бошад ( Бахшҳои Муқаддима 3-8 саҳифа ва Методҳои таҳқиқот 8-15 саҳифаро дар бар гирад). Дар ихтисосҳои математикӣ, техникӣ, табиатшиносӣ, физикию химиявӣ, физикаю математика, физикию биологӣ, ки дар аксарияти ҳолатҳо сохтори диссертатсия аз ду боби асосӣ иборат мешавад, бояд ҳаҷми боби якум 30-50%, боби дувум бошад, 60-90%-ро ташкил диҳад.

Ҳадди ақали ҳаҷми диссертатсияи доктори фалсафа(PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос ва номзади илм (бидуни феҳристи адабиёт, замимаҳо, расмҳо ва ҷадвалҳо) на кам аз 120 - 150 саҳифа иборат бошад (саҳифа бояд 1800 аломати чопӣ дар 29-30 сатр ва дар ҳар сатр 62-64 аломати чопӣ дошта бошад, фосилаи байни сатри 1,15-1,5 андозаро ташкил диҳад), аз рӯйи илмҳои гуманитарӣ афзоиши ҳаҷми диссертатсия то 15% имконпазир аст. Диссертатсияи доктори илм на кам аз 250-300 саҳифа иборат бошад.

Таҳқиқоти илмӣ (барои диссертатсияҳои доктори фалсафа(PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм) аз рӯйи ихтисосҳои математика ва физикаю математика бояд на кам аз 80 саҳифа; оид ба илмҳои техникӣ, табиатшиносӣ, физикию химиявӣ, физикию биологӣ (барои диссертасияҳои доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм) на кам аз 95 - 130 саҳифа (бидуни феҳристи адабиёт, замимаҳо, расмҳо ва ҷадвалҳо) иборат бошанд. Диссертатсияҳои доктории илмҳои математика ва физикаю математика на кам аз 160 саҳифа; илмҳои техникӣ, табиатшиносӣ, физикию химиявӣ, физикию биологӣ на кам аз 200 саҳифаро (бидуни феҳристи адабиёт, замимаҳо, расмҳо ва ҷадвалҳо) ташкил диҳад.

Феҳристи манбаъҳои истифодашуда на кам аз 120 номгӯ барои диссертатсияҳои доктори фалсафа(PhD) -доктор аз рӯйи ихтисос ва номзади илм ва на кам аз 400 номгӯ барои диссертатсияҳои докторӣ иборат бошад. Дар диссертатсияҳои илмҳои техникӣ, табиатшиносӣ, физикию химиявӣ, математика, физикию математикӣ, физикию биологӣ на кам аз 100 номгӯ барои диссертасияҳои доктори фалсафа (PhD) )-доктор аз рӯйи ихтисос, номзадӣ ва на кам аз 350 номгӯй барои диссертатсияи докторӣ мавҷуд бошад. Феҳрист аз рӯйи тартиби оварда шудани истинодҳо дар матни диссертатсия ё ба тартиби алифбоии ному насаби муаллифони нахустин ва (ё сарлавҳаҳо) ва ё ба тартиби хронологӣ мураттаб карда мешавад. Маълумот оид ба манбаъҳо бо риояи фосилаи сархати сатр чоп карда мешаванд. Дар феҳристи манбаъҳои истифодашуда, баъд аз рақам нуқта гузошта мешавад. Рақами тартибии саҳифа дар автореферат, дар мобайни ҳошияи болоии саҳифа гузошта мешавад.

Дигар масъалаҳои дар ин қарина матраҳнашуда аз рӯйи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD- доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия тасдиқшуда бо қарори Раёсати КОА ҶТ (аз 28 июни соли 2017 №3/1) танзим мешаванд.

*– Диссертатсия барои **дарёфти дараҷаи илмии доктори илм** бояд таҳқиқоти илмию тахассусие бошад, ки дар он дар асоси пажӯҳишҳои анҷомдодаи муаллиф инҳо вуҷуд дошта бошанд:

1) нуктаҳои назариявие коркард шуда бошанд, ки маҷмӯи онҳоро метавон ҳамчун дастоварди илмӣ арзёбӣ намуд;

2) проблемаи илмие ҳаллу фасл шудааст, ки аз аҳамияти сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ ё хоҷагӣ бархӯрдор аст;

3) роҳи ҳалҳои илман асоснокшудаи техникӣ, технологӣ ва ғайра, ки татбиқи онҳо ба рушди кишвар мусоидат менамоянд.

**–Дар боби **«Баррасии натиҷаҳо»** (8-10 саҳифа), маъмулан баррасии натиҷаҳои бадастомада оварда мешавад. Он ду ҳадаф дорад. Аввалан, муқоисаи маълумоти дарёфтнамудаи муаллифи диссертатсия бо натиҷаҳои таҳқиқоти муаллифони дигар, сониян, консепсияҳои илмии муосирро пешакӣ омӯхта, бояд муайян намуд, ки аз мавқеи кадоме аз онҳо метавон маълумоти муаллифро тавзеҳ дод (ё ки ба кадоме аз онҳо натиҷаҳои муаллифро “мансуб” донист).